## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА - 082-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» вобаста ба қабули диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928 - 1934)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Мавзуи рисолаи номзадии унвонҷӯ Файззода Рамазон Хурсанд дар ҷаласаи Шурои олимони МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 25.10.2022, №03 таҳти унвони «Фаъолияти Кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и назди Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар охири солҳои 20-ум - ибтидои солҳои 30-юми асри XX)» зери роҳбарии доктори илмҳои таърих, профессор Алимов Давлаталӣ Халилович (Халилзода Давлаталӣ Халил) тасдиқ гардида буд. Мавзуи мазкур дар таърихи 28.07.2025, №2 дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 082-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ҳимоя гардид. Аммо бо назардошти ошкор гардидани баъзе камбудиҳо ва эродҳо комиссияи экспертӣ Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон диссертатсия дар таърихи 22.10.2025, № 389/бд аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шуд.

Бо назардошти фармони мазкур ва эродҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавзуи рисолаи номзадии Файззода Рамазон Хурсанд аз «Фаъолияти Кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и назди Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар охири солҳои 20-ум - ибтидои солҳои 30-юми асри

XX)» ба «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928 - 1934)», иваз шуда, бо қарори Шурои олимони МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», аз нав санаи 27.01.2026, №6 тасдиқ карда шуд.

Комиссия экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA - 082-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи номзадии Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928 - 1934)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA - 082 аз 3.07.2026, суратмаҷлиси №1 дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шудааст:

1. **Муҳиддинов Сайдалӣ Раҷабович** – узви шуро, доктори илмҳои таърих, профессор аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6. 1. 5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ – раиси комиссия;

2. **Баротов Маҳмашариф Юсуфович** – узви шуро, номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик);

3. **Алишери Амирхон** – номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи умумии МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара» аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) – узви комиссия.

Комиссияи экспертӣ таҳқиқоти диссертатсионии Файззода Рамазон Хурсандро омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дода ва ҳисоб мекунад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ - тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст.

Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд ба омӯзиши масъалаи муҳими таърихи иҷтимоию иқтисодии Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон

(солҳои 1928 - 1934) мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст, ки аҳаммияти илмӣ дорад.

Таҳқиқи таърихи таҳаввулоти иҷтимоӣ ва равандҳои модернизатсияи ҷомеаи Тоҷикистон дар солҳои 20 - 30-юми асри XX яке аз самтҳои муҳимми таърихнигории муосири ватанӣ маҳсуб меёбад. Ин давра дар таърихи халқи тоҷик ҳамчун марҳалаи гузариши бунёдӣ аз сохти суннатии аграрӣ ба низоми нави иҷтимоӣ - сиёсӣ арзёбӣ гардида, бо суръати баланди дигаргунсозиҳои сохторӣ тавсиф мешавад. Дар ин замина, омӯзиши фаъолияти ниҳодҳои махсуси давлатӣ, аз ҷумла Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ), аҳаммияти хоси илмӣ ва амалӣ пайдо мекунад.

Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ) дар низоми идоракунии давлатии он замон на танҳо ҳамчун як сохтори муқаррарии маъмурӣ, балки ҳамчун як ниҳоди стратегӣ ва омили калидии «муҳандисии иҷтимоӣ» зуҳур намуд. Мубрамияти ин масъала дар он зоҳир мегардад, ки Кумита вазифаи мураккаби трансформатсияи низоми суннатии ҷомеаро ба зимма дошт. Ин раванд танҳо бо ҷалби занон ба корҳои ҷамъиятӣ маҳдуд нашуда, балки ҳадафи васеътар - таҷдиди куллии шуури иҷтимоӣ, аз байн бурдани монеаҳои мазҳабӣ - патриархалӣ ва фароҳам овардани заминаҳои нави ҳуқуқиву иқтисодиро барои зани тоҷик пайгирӣ мекард.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба соҳаи ихтисоси шурои диссертатсионии 6D.КОА - 082 оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқ аст.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба **шиносномаи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)** мутобиқ аст.

Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 7 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4 ададашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, 3 адади мақолаҳо дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ба чоп расидаанд.

Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи довталаб ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №295) пурра ҷавобгӯ мебошад.

Аз теъдоди таълифоти довталаб бармеояд, ки **талаботи банди** 35 -и «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори ҳукумати ҶТ аз 30.06.2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) нисбат ба нашри натиҷаҳои диссертатсия риоя гардидааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф пуррасозии анъанаҳои ҳанӯз дар давраи шуравӣ ташаккулёфтаи иҷрои корҳои илмӣ дар асоси сарчашмаҳои бойгонии тамоми самтҳои ҳокимият, ҳизб, созмонҳои ҷамиятӣ ва муассисаҳои истеҳсолӣ, ки ба масъалаҳои занон бахшида шуда, дар интишороти гуногун инъикос ёфтаанд, ташкил медиҳанд.

**Эътимоднокии** диссертатсия дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмӣ - назариявӣ ва таҷрибавӣ мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд, дар он зоҳир мегардад, ки дар ин рисола бори аввал дар таърихнигории ватанӣ фаъолияти Кумитаи

беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ) дар солҳои 1928 - 1934 ҳамчун механизми махсуси институтсионалии давлат ҷиҳати таҳаввули иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон мавриди пажӯҳиши мустақил ва ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои унвонҷӯ асоснок буда, ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати дисертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Автореферат мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Ҳамин тариқ, мавзуи интихобкардаи унвонҷӯ мутлақо нав буда, дар ин самт ягон таҳқиқот бурда нашудааст.

**Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ**

Мубрамии мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928 - 1934)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA - 082 диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928–1934)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) таҳлил ва муҳокима намуда, дар асоси бандҳои 57 - 60-и

Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267)

**ҚАРОР МЕНАМОЯД:**

**1.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия фарогири бандҳои дахлдори шиносномаи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад. Диссертатсия ба самти шурои диссертатсионии 6D.KOA - 082 мувофиқ буда, дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA - 082 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгохи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба ҳимоя тавсия дода шавад.

**2.** Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки дар соҳаи таърихи ватанӣ навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф паҳлуҳои илмӣ - назарявӣ ва таҷрибавӣ мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд. Рушд додани таълими фанҳои таърих ва таърихнигорӣ, ки дар ҷумҳурӣ мубрамияти он баръало эҳсос мегардад, мусоидат менамоянд.

**3.** Пешниҳод мегардад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи мазкур муҳаққиқони зерини соҳа таъин карда шаванд: **Набизода Ваҳҳоб Машраф** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқ МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ва **Муҳабатова Гулнора Ҳомидовна** - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи милии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).

**4.** Пешниҳод мегардад, ки ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» тавсия дода шавад.

**5.** Пешниҳод мегардад, ки ба нашру паҳнкунии автореферат, гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор **Муҳиддинов С.Р.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои таърих **Баротов М.Ю.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои таърих **Алишери А.**

*Имзоҳои д.и.т., Муҳиддинов С.Р, н.и.т., Баротов М.Ю, н.и.т., Алишери Амирхонро тасдиқ менамоям:*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Исҳоқзода М.М.

«22» 07 соли 2026